## Меъёри бозтамвил бетағйир дар сатҳи 10,0 фоизи солона нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №35, аз 27 октябри соли 2023 ҷиҳати бетағйир нигоҳ доштани меъёри бозтамвил дар сатҳи 10,0 фоизи солона қарор қабул гардид. Қарори мазкур дар асоси тамоюли тағйирёбии сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот ва дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт, инчунин бо назардошти дар доираи ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум қабул карда шуд.